**Қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА–064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз**

**12 апрели соли 2024** **ш.Ҳисор**

Маърӯзаи кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи "Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, роҳбари илмӣ – доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, мушовири илмӣ - доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ, Гулов Сайдали Маъмурович профессори кафедраи меваю сабзовот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур-ро шунида, тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ки аз тарафи муқарриз- дотсенти кафедраи биологияи умумии, факултети химия ва биологияи ДДБ номи Носири Хусрав, номзади илмҳои кишоварзӣ Қ.Рукнидинов, раиси Шурои илмӣ методӣ, номзади илмҳои химия, дотсент Ятимов П.М., котиби Шурои олимон, Пиров А. имзо намудаанд, ва Ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ намудааст, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Фелалиев Акрамшо Саидшоевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АМИТ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварии Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ ва Бойматов Тоҷибой Эргашевич – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд, инчунин муқарризони ғайри расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Саидҷамол Тоҷидин, доктори илмҳои кишоварзӣ Бухориев Толибек

Аҳмадович, доктори илмҳои биологӣ Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич ва доктори илмҳои кишоварзӣ Султонова Мавҷуда Ҳасановна -ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович бо дарназардошти муҳимии мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмӣ, Шурои диссертатсионӣ

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи "Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳодгардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Намозов Амонулло Каримхонович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро дастгирӣ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

12.04.2024с.

Имзоҳои Н.М. Асозода ва Ш.С.Пӯлотова-ро
тасдиқ мекунам: нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Сайнизоми Бобохуҷа